

# ҲИСОБОТ ОИД БА ФАЪОЛИТЯИ НИЗОМИ ҲИФЗИ ИҶТОМОИИ АҲОЛӢ ДАР НИМСОЛАИ АВВАЛИ СОЛИ 2025

Натиҷаҳо, тамоюлҳо ва мушкилоти асосӣ

# Мундарича

*Рӯйхати ҷадвалҳо* ........................................ 2

*Рӯйхати намудориҳо* ........................................ 2

*1. Ҳисоботи мухтасар* ........................................ 3

*2. Муқаддима* ........................................ 4

*3. Сохтори институтсионалӣ ва сиёсӣ* ........................................ 5

*3.1. Сохтори низоми ҳифзи иҷтимоӣ дар Тоҷикистон* ........................................ 5

*3.2. Қонунҳо, стратегияҳо ва барномаҳои миллӣ* ........................................ 6

*4. Хизматрасониҳои иҷтимоӣ аз ҷониби сохторҳои ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ* ........................................ 6

*4.1. Фоъолити Хадамоти давлатии экспертизаи тиббию иҷтимоӣ* ........................................ 6

*4.2. Фаъолият дар самти кумакпулии унвонии иҷтимоӣ ва кумакҳои яквақтаина ба шаҳрвандон ва оилаҳои камбизоат* ........................................ 8

*4.3. Фаъолият дар самти расонидани кумакпулии яквақтаинаи иҷтимоӣ* ........................................ 10

*4.4. Хизматрасонӣ аз ҷониби муассисаҳои ҳифзи иҷтимоӣ* ........................................ 10

*4.5. Фаъолият дар самти ташкили хизматрасониҳои иҷтимоӣ дар муассисаҳои будубоши доимии системаи Агентии давлатии ҳифзи иҷтимоӣ* ........................................ 14

*4.6. Фаъолият дар самти хизматрасонии ғайристатсионарӣ* ........................................ 15

*4.7. Хизматрасонии тиббию иҷтимоӣ аз ҷониби МД. «Пажӯҳишгоҳи экспертизаи тиббию иҷтимоӣ ва тавонбахшии маъюбон»* ........................................ 17

*4.8. Хизматрасонии санаторию-курортӣ* ........................................ 17

*4.9. Хизматрасонии воситаҳои техникию тавонбахшӣ ба маъюбон* ........................................ 18

*5. Хулоса* ........................................ 23

## Рӯйхати ҷадвалҳо

Ҷадвали 1. Хизматрасонии иҷтимоӣ аз ҷониби муассисаҳои ҳифзи иҷтимоӣ ........... 11
Ҷадвали 2. Хизматрасони аз ҷониби марказу шуъбаҳои хизматрасонии иҷтимоӣ дар хона ........................................................................................ 15
Ҷадвали 3. Маркзҳои хизматрасонии иҷтимоии тариқи фармоиши иҷтимоии давлатӣ фаъолияткунанда ........................................................................ 16
Ҷадвали 4. Хизматрасонии тиббию иҷтимоии Муассисаи давлатии «Пажӯҳишгоҳи экспертизаи тиббию иҷтимоӣ ва тавонбахшии маъюбон» ...................... 17
Ҷадвали 5. Нишондодҳои истеҳсолӣ дар шаш моҳи аввали соли 2025 ...................... 19
Ҷадвали 6. Фариқият нисбати шаш моҳи соли 2024 ба соли 2025: ............................ 22

## Рӯйхати намудориҳо

Намудори 1. Шумораи шахсони имконияташон маҳдуд дар миқёси вилоятҳо ва шаҳри Душанбе ........................................................................................ 7
Намудори 2. Шумораи шахсони имконияташон маҳдуд аз рӯи гурӯҳи маъюби дар нимсолаи аввали соли 2025 ........................................................ 7
Намудори 3. Нақшаи фарогири, таъинот ва фоизи иҷроиши кумакҳои унвонии иҷтомоӣ дар миқёси вилоятҳо ва ш. Душанбе ..................................... 9
Намудори 4. Нақшаи маблағгузорӣ, маблағи азхудшуда ва фоизи маблағи азхудшудаи кумакҳои унвонии иҷтомоӣ дар миқёси вилоятҳо ва ш. Душанбе.......... 9
Намудори 5. Шумораи кӯдакони ба тавонбахшӣ фарогирифташуда дар нимсолаи аввали соли 2024 ва 2025 ................................................................ 13
Намудори 6. Хизматрасони ба қурбониёни савдои одамон ва ҷабрдидагони зуровари дар оила дар нимсолаи 2024 - 2025 ................................................ 13
Намудори 7. Шумораи бошандаго дар муассисаҳои будубошӣ доимӣ дар нимсолаи якуми соли 2024 - 2025 ................................................................ 14
Намудори 8. Шумораи бошандагони муввақати дар марказҳои минтақавии хизматрасонии иҷтимоӣ ба пиронсолону маъюбон дар нимсола и аввали соли 2025 ............................................................................................ 16

## 1. Ҳисоботи мухтасар

Дар нимсолаи аввали соли 2025 низоми ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ зинаҳои асосии фаъолияти худро дар чор самт ба намоиш гузошт: (i) таҳкими заминаи институтсионалӣ ва меъёрӣ-ҳуқуқӣ; (ii) тавсеаи хизматрасониҳои экспертизавию тавонбахшӣ барои шахсони дорои маъюбият; (iii) татбиқи кумакҳои унвонии иҷтимоӣ ва пардохтҳои яквақтаина ба оилаҳои камбизоат; ва (iv) беҳсозии дастрасӣ ба хизматрасониҳои статсионарӣ, ғайри-статсионарӣ ва воситаҳои техникию протезию-ортопедӣ. Дар сатҳи институтсионалӣ, шабакаи ВТҲИАҶТ ва АДҲИА аз 227 зерсохтор, муассиса ва хадамот иборат буда, беш аз 4500 кормандро дарбар мегирад. Фаъолият бар пояи санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқии давлатӣ, аз ҷумла Стратегияи рушди ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ то соли 2040 ва қарорҳои Ҳукумати ҶТ, ба роҳ монда шудааст.

Дар соҳаи маъюбият, Хадамоти давлатии экспертизаи тиббию иҷтимоӣ дар шаш моҳ ба 17 338 шаҳрванд хизмат расонд; ба 16 889 нафар гурӯҳи маъюбӣ муайян ё такроран тасдиқ шуд. Нисбат ба ҳамин давраи соли 2024 афзоиш 113 ҳолатро ташкил медиҳад. Афзоиш асосан аз ҳисоби зиёд шудани муроҷиатҳои аввалиндараҷаи калонсолон (+573) ба қайд гирифта шуда, муроҷиатҳои такрорӣ дар ин гурӯҳ коҳиш ёфтанд (–442). Дар гурӯҳи кӯдакон низ тамоюли монанд мушоҳида шуд (афзоиши аввалин +9, коҳиши такрорӣ –27). Дар маҷмӯъ, шумораи шахсони дорои маъюбият дар кишвар ба 170 699 нафар расид; аз онҳо 135 470 нафар калонсолонанд (гурӯҳи I – 18 180; гурӯҳи II – 83 631; гурӯҳи III – 33 659) ва 35 229 нафар кӯдакон мебошанд.

Дар бахши кумакҳои унвонии иҷтимоӣ (КУИ) дар шаш моҳ 171 522 хонавода гирандаи кумак буд; иҷроиши нақшаи солона мутаносибан 10,5% аз нақшаи маблағгузорӣ ва тақрибан 77% аз нақшаи фарогирӣ ба ҳисоб мерасад. Барои соли 2025 маблағгузории механизми муайянкунӣ ва пардохти КУИ 273,2 млн сомонӣ пешбинӣ гардида, то охири нимсолаи аввал 99,84 млн сомонӣ (38%) азхуд шудааст. Барои дастгирии гурӯҳҳои ҳассос пардохтҳои яквақтаинаи 600-сомонӣ ба 112 689 оилаи камбизоат дар ҳаҷми умумии 67,61 млн сомонӣ анҷом шуд; тақсимот дар тамоми вилоятҳо ва шаҳрҳои кишвар амалӣ гардида, ҳиссаи асосӣ ба вилояти Хатлон ва Суғд рост меояд.

Шабакаи хизматрасониҳои иҷтимоӣ фарогириро тавсеа дод: дар шаш моҳ 1 013 280 шаҳрванди ниёзманд аз шаклҳои гуногуни хизмат баҳра бурд, ки нисбат ба соли гузашта 599 214 нафар бештар аст. Марказҳои рӯзона, шуъбаҳои хизматрасонии иҷтимоӣ дар хона (44 адад), марказҳои минтақавӣ (6 адад) ва муассисаҳои будубоши доимӣ (7 хона-интернат) ҳам барои пиронсолон ва маъюбон, ҳам барои кӯдакони дорои маъюбият хизмат расонданд. Маркази миллии тавонбахшии кӯдакони маъюб «Чорбоғ» фарогириро боло бурд (199 кӯдак зери нигоҳубин; шуъбаи рӯзона 230 кӯдак), гарчи нишондиҳандаҳои беҳбудӣ каме поин рафтанд. Маркази байналмилалии тавонбахшӣ дар Балҷувон бо вуҷуди маҳдудиятҳои инфрасохторӣ фарогириро зиёд

кард. Хизматрасонӣ ба қурбониёни савдои одамон ва ҷабрдидагони зӯроварӣ дар оила низ рушд намуда, шумораи муроҷиатҳо афзоиш ёфт.

Дар бахши воситаҳои техникию протезию-ортопедӣ, КД «Заводи протезию ортопедӣ» нақшаҳои истеҳсолиро 100% иҷро карда, ҳаҷми маҳсулотро ~5,32 млн сомонӣ таъмин намуд. Ба маъюбон дар маҷмӯъ 6 342 воҳид восита дода шуд (аз ҷумла 4 567 воҳид протезию ортопедӣ). Илова бар ин, хизматрасонии мобилии протезӣ ва истеҳсоли таҷҳизоти нави тавонбахшӣ роҳандозӣ гардид. Ин маҷмӯи нишондиҳандаҳо аз фаъол шудани механизмҳои ҳадафманд ва беҳтар шудани дастрасӣ ба хизматрасонӣ шаҳодат медиҳад, ҳарчанд дар самтҳои самаранокии тавонбахшии кӯдакон ва бартарафсозии маҳдудиятҳои инфрасохторӣ корҳо тақвият талаб мекунанд.

## 2. Муқаддима

Ин ҳисобот натиҷаҳои асосӣ ва тамоюлҳои калидии фаъолияти низоми ҳифзи иҷтимоии аҳолиро дар нимсолаи аввали соли 2025 ҷамъбаст мекунад. Ҳадаф дугона аст: якум, нишон додани пешрафтҳо дар фарогирӣ, дастрасӣ ва ҳадафмандии хизматрасониҳо барои гурӯҳҳои осебпазир (кӯдакон, маъюбон, пиронсолон, оилаҳои камбизоат, қурбониёни савдои одамон ва ҷабрдидагони зӯроварӣ); дуюм, пешниҳоди далелҳои муқоисавӣ нисбат ба ҳамин давраи соли 2024, то самаранокӣ ва зарфияти амалии сохторҳоро бо далелҳо баҳогузорӣ намоем.

Ҳисобот ба чор манбаи асосии маълумот такя мекунад: (1) омор ва қайдҳои маъмурии зерсохторҳои ВТҲИАҶТ ва АДҲИА; (2) маълумоти ХДЭТИ оид ба ташхиси гурӯҳҳои маъюбият; (3) сабтҳои пардохтҳо ва фарогирӣ дар доираи механизми КУИ ва пардохтҳои яквақтаина; ва (4) нишондиҳандаҳои истеҳсолӣ ва хизматрасонии КД «Заводи протезию ортопедӣ», инчунин муассисаҳои тавонбахшӣ (Чорбоғ, Балҷувон, Донишкада). Натиҷаҳо дар шакли матн, ҷадвал ва намудор пешниҳод мешаванд; истинодҳои дохилматнӣ (масалан, ниг. ба Намудори 1–8; Ҷадвали 1–6) барои роҳати хонанда истифода гардидаанд.

Маҳдудиятҳои зикршуда аз ҷумлаи зиринанд: маҳдудиятҳои инфрасохторӣ дар баъзе муассисаҳо (масалан, Балҷувон), фарқияти сифати сабтҳои маъмурӣ байни минтақаҳо, ва зарурати таҳкими нишондиҳандаҳои натиҷавӣ (outcome) дар баробари нишондиҳандаҳои бароришавӣ (output), бахусус дар тавонбахшии кӯдакон. Бо дарназардошти ин, ҳисобот ҳам пешрафтҳоро ба расмият меорад ва ҳам нуқтаҳои такмилро равшан мекунад, то ба таҳким бахшидани сиёсати далеласос ва тақвияти идоракунии натиҷагаро мусоидат намояд.

# 3. Сохтори институтсионалӣ ва сиёсӣ

## *3.1. Сохтори низоми ҳифзи иҷтимоӣ дар Тоҷикистон*

Дар низоми ҳифзи иҷтиомии аҳолӣ дар умум 227 зерсохторҳо, ташкилоту муассисаҳо ва хадамоти иҷтимоӣ фаъолият доранд. Дар онҳо зиёда аз 4509 нафар корманд фаъолият мекунанд. Аз ин шумора 4381 нафар тибқи басти воҳидҳои корӣ, боқимонда тариқи шартнома фаъолият мекунанд.

Сохторҳои зерини низоми ҳифзи иҷтимоии аҳоли Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон (ВТҲИАҶТ) ба оилаҳои камбизоат, бепарасторон, шахсони имконияташон маҳдуд, ятимон ва шахсони дар ҳолати душвори зиндаги қарордошта хизматрасонии иҷтимоӣ мерасонанд:

- 28 шӯъба ва бахшҳои Хадамоти давлатии экспертизаи тиббию иҷтимоӣ (ХДЭТИ).
- дар низоми Агентии давлатии ҳифзи иҷтомоии аҳолӣ (АДҲИА)
    - 11 муассисаҳои хизматрасонии иҷтимоӣ, аз ҷумла:
        - ҳафта муассисаҳои будубоши доимӣ (хона-интернатҳо);
        - чор осоҳишгоҳҳо;
    - 57 марказҳои тавонбахшии будубоши рузона, ки дар доираи фармоиши иҷтимоии давлатӣ фаъолият кунанда;
    - панҷ маркази минтақавии барои кӯмакҳои уновнӣ иҷтимоӣ;
- як Муассисаи давлатии таълимии “Донишкадаи такмили ихтисоси кормандони низоми ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ”;
- як Пажуҳишгоҳи экспертизаи тиббию иҷтимоӣ ва тавонбахшии маъюбон;
- як Корхонаи давлатии “Заводи протезию ортопедӣ”-и дар шаҳри Душанбе бо филиалҳояш дар шаҳрҳои Кӯлоб, Хоруғ ва Хуҷанд;
- ду маркази миллӣ ва байналмилалии тавонбахшии маъюбон;
- як Муассисаи давлатии «Маркази ҷумҳуриявии хизматрасонии иҷтимоӣ ба қурбониёни савдои одамон ва ҷабрдидагони зӯроварӣ дар оила»,
- як Муассисаи давлатии “Маркази иттилоотию таҳлилии низоми ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ”;
- 44 марказҳо (шуъбаҳо)-и хизматрасонии иҷтимоӣ дар хонаи мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ;
- шаш марказҳои минтақавии хизматрасонии иҷтимоӣ барои пиронсолон ва маъюбон дар назди мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ;
- 72 шӯъба ва бахшҳои ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ дар назди мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳру ноҳияҳои Ҷумҳурӣ.

### *3.2. Қонунҳо, стратегияҳо ва барномаҳои миллӣ*

Хизматрасониҳои иҷтимоии ВТҲИАҶТ дар асоси санадҳои меъёрию ҳуқуқии зерин ба роҳ монда шудаанд:

- Стратегияи рушди ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2040, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 29 ноябри соли 2022, №577 тасдиқ шудааст;
- Консепсияву барномаҳои давлатии марбут ба ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ;
- Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи ҳифзи иҷтимоии маъюбон".
- Барномаи маҷмуии давлатии тайёр намудани кадрҳои низоми ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ барои давраи то соли 2030;
- Барномаи тавонбахшӣ ва ҳамгироии иҷтимоии ноболиғони дар муассисаҳои маҳрум сохтан аз озодӣ ё маҳдуд кардани озодӣ адои ҷазонамуда барои солҳои 2020-2024;
- Қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 августи соли 2024, №488 «Дар бораи Тартиби таъин намудани кумакпулии унвонии иҷтимоӣ, муайян намудани андозаи он ва шаҳрвандон (оилаҳо)-и камбизоат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон»

## 4. Хизматрасониҳои иҷтимоӣ аз ҷониби сохторҳои ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ

### *4.1. Фоъолити Хадамоти давлатии экспертизаи тиббию иҷтимоӣ*

Дар нимсолаи аввали соли 2025 фаъолияти Хадамоти давлатии экспертизаи тиббию иҷтимоӣ тамоюлҳои муҳимеро дар соҳаи маъюбият инъикос намуд. Дар маҷмӯъ, 17 338 нафар шаҳрвандон барои муқаррар намудани гурӯҳи маъюбӣ муроҷиат карданд ва ба 16 889 нафар гурӯҳи маъюбӣ дода шуд ё такроран тасдиқ гардид. Нисбат ба ҳамин давраи соли 2024 ин рақам 113 ҳолат зиёд мебошад. Афзоиши мазкур асосан бо зиёдшавии муроҷиатҳои аввалиндараҷа аз ҳисоби калонсолон (+573 нафар) вобаста аст, дар ҳоле ки шумораи муроҷиатҳои такрорӣ миёни онҳо коҳиш ёфт (–442 нафар). Дар гурӯҳи кӯдакон низ чунин раванд мушоҳида мешавад: муроҷиати аввалин 9 ҳолат афзуда, аммо такрорӣ 27 ҳолат кам шудааст.

Аз шумораи умумии муроҷиатҳо, 4 494 калонсол ва 2 160 кӯдак нахустин маротиба маъюби муқарар карда шудааст. Таҳлил нишон медиҳад, ки дар байни кӯдакон аз ҳама осебпазир синни 1–9 сола мебошад, ки ин гурӯҳи синну солӣ 31%-ро ташкил медиҳад. Ин ҳолат ба зиёдшавии ташхиси барвақт ва ё эҳтимолан афзоиши бемориҳои модарзодӣ ва ирсӣ дар ин синну сол ишора мекунад.

**Намудори 1. Шумораи шахсони имконияташон маҳдуд дар миқёси вилоятҳо ва шаҳри Душанбе**




Дар маҷмӯъ, шумораи шахсони имконияташон маҳдуд дар нимсолаи аввали соли 2025 ба 170 699 нафар расид (ниг. ба Намудори 1). Аз ҷумла, 135 470 нафарро калонсолон ташкил медиҳанд аз инҳо, гурӯҳи якум 18 180 нафар, гурӯҳи дуюм 83 631 нафар, гурӯҳи сеюм 33 659 нафар ва кӯдакони то синни 18 сола 35 229 нафарро ташкил медиҳанд (ниг. ба Намудори 2)

**Намудори 2. Шумораи шахсони имконияташон маҳдуд аз рӯи гурӯҳи маъюби дар нимсолаи аввали соли 2025**



Бо вуҷуди ин, бояд қайд кард, ки шумораи муайяни шахсон аз рӯйхати маъюбият хориҷ карда шудаанд (3 063 нафар), ки метавонад ба беҳтаршавии саломатӣ, фавт ё ташхиси дубора вобаста бошад. Танҳо дар нимсолаи якуми соли 2025, 1 161 ҳолати фавт, аз ҷумла 146 нафарашонро кӯдакони то синни 18 соларо ташкил медиҳанд.

### *4.2. Фаъолият дар самти кумакпулии унвонии иҷтимоӣ ва кумакҳои яквақтаина ба шаҳрвандон ва оилаҳои камбизоат*

Тибқи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 августи соли 2024, №488 «Дар бораи Тартиби таъин намудани кумакпулии унвонии иҷтимоӣ, муайян намудани андозаи он ва шаҳрвандон (оилаҳо)-и камбизоат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» дар сатҳи мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот 167 нафар нозир-коргузор, дар назди шуъбаҳои вилоятӣ ва бахшҳои ҳифзи иҷтимоии аҳолии 68 шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ 144 нозир-коргузор, дар Марказҳои минтақавии ҳамоҳангсозии Агентӣ дар шаҳрҳои Душанбе, Хоруғ, Хуҷанд, Кӯлоб ва ноҳияи Рашт 27 нафар корманд ба кор таъин гардида, фаъолият намуда истодаанд.

Ҳамзамон, аз тарафи Агентӣ руйхати аъзои қобили меҳнати оилаҳои камбизоат, ки расман кор намекунанд, тартиб дода шуда, бо шумораи 79 741 нафар (29 223 нафар сардори оила, 50 518 нафар аъзои оила) ба Агентии меҳнат ва шуғли аҳолии Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои корбарии минбаъда ва бо шуғл фаро гирифтани онҳо пешниҳод карда шудааст. Тибқи маълумоти Агентии меҳнат ва шуғли аҳолӣ ба ҳолати 20 июни соли 2025 дар миқёси шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ дар натиҷаи корбарӣ 187 нафар аъзои бекори оилаҳои камбизоат ба намудҳои гуногуни шуғл ҷалб карда шуданд, ки аз ин шумора ба ВМКБ – 75 нафар, вилояти Суғд – 31 нафар, вилояти Хатлон – 14 нафар ва шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ – 67 нафар рост меояд.

Нақшаи фарогирии оилаҳои камбизоат барои соли 2025 ҳамагӣ 222 903 оила буда, ба ҳолати 1 июли соли 2025, муроҷиати 101 021 оила дар сатҳи 68 шаҳру ноҳияи ҷумҳурӣ қабул гардида, аз ин шумора 95 249 парванда ба системаи иттилотии кумакҳои увонии иҷтимоӣ (АСИСТ) ворид карда шудааст. Нисбат ба ҳамин давраи соли 2024 муроҷиат 103 065 оила дар сатҳи 68 шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ қабул гардида, ки 2 044 нафар кам муроҷиат кардааст. Дар натиҷа, шумораи умумии гирандагони кумакпулии унвонии иҷтимоӣ дар ин давра дар сатҳи ҷумҳурӣ 171 522 оила (хонавода), баробар ба иҷрои 10,5% иҷроиши нақшаи болозикр ё 77% нақшаи фарогирии солона мебошад (ниг.

Намудори 3).

**Намудори 3. Нақшаи фарогири, таъинот ва фоизи иҷроиши кумакҳои унвонии иҷтомоӣ дар миқёси вилоятҳо ва ш. Душанбе**




Нақшаи маблағгузори дар соли 2025 барои механизми муайян кардани оилаҳои камбизоат ва пардохти кумакпулии унвонии иҷтимоӣ ба оилаҳо ва шаҳрвандони камбизоат бо дарназардошти хароҷоти маъмурӣ ва хизматрасонии бонкӣ дар умум 273 167 886 сомонӣ буда, аз ин маблағ 263 930 325 сомонӣ барои пардохти кумакпулиии унвонии иҷтимоӣ ба оилаҳои камбизоат пешбинӣ гардидааст. Маблағи азхудшуда дар нимсолаи якуми соли 2025 99 836 316,84 сомониро ташкил медиҳад, ки 38% иҷрои нақшаи солонаро дод (ниг. ба Намудори 4).

**Намудори 4. Нақшаи маблағгузорӣ, маблағи азхудшуда ва фоизи маблағи азхудшудаи кумакҳои унвонии иҷтомоӣ дар миқёси вилоятҳо ва ш. Душанбе**




### *4.3. Фаъолият дар самти расонидани кумакпулии яквақтаинаи иҷтимоӣ*

Дар доираи амалишавии Созишномаи молиявӣ байни Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ассотсиатсияи Байналмилалии Рушд аз 30 июни соли 2023 ва "Дастурамал дар бораи таъин ва пардохти кумаки яквақтаи иҷтимоӣ ба гуруҳҳои осебпазири аҳолӣ" корҳои дахлдор анҷом дода шуда, чунин маълумот манзур карда мешавад.

Вобаста ба расонидани кумакпулии яквақтаина ба оилаҳои камбизоат ба чунин гуруҳҳои осебпазири аҳолӣ кумакпулии яквақтаина дар ҳаҷми 600,00 сомонӣ таъин ва пардохт карда шудааст:

1) оилаҳои камбизоат, ки дар ҳайати худ 3 нафар ё зиёда аз он кӯдакони то синни 16-сола доранд;
2) оилаҳои камбизоат, ки дар ҳайати худ 2 ва ё зиёда нафар шахсони маъюб доранд;
3) оилаҳои камбизоат, ки дар ҳайати худ шахсони пиронсоли синни аз 65 сола боло доранд.

Тибқи феҳристи тасдиқшудаи гирандагони кумакпулии яквақтаи иҷтимоӣ дар сатҳи 68 шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ маблағгузорӣ барои 112689 оилаи камбизоат дар ҳаҷми 67 613 400,00 сомонӣ пардохт гардидааст, ки аз ин:

- дар ноҳияҳои шаҳри Душанбе (ноҳияҳои Шоҳмансур, Сино, Исмоили Сомонӣ ва Фирдавсӣ) ба 7337 оила маблағ дар ҳаҷми 4 402 200,00 сомонӣ;
- дар шаҳру ноҳияҳои ВМКБ ба 3945 оила маблағ дар ҳаҷми 2 367 000 сомонӣ;
- дар шаҳру ноҳияҳои вилояти Суғд ба 27036 оила маблағ дар ҳаҷми 16 221 600 сомонӣ;

- дар шаҳру ноҳияҳои вилояти Хатлон ба 52716 оила маблағ дар ҳаҷми 31 629 600 сомонӣ;
- дар шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ 21655 оила маблағ дар ҳаҷми 12 993 000 сомониро ташкил медиҳанд.

### *4.4. Хизматрасонӣ аз ҷониби муассисаҳои ҳифзи иҷтимоӣ*

Дар нимсолаи аввали соли 2025 хизматрасониҳои иҷтимоӣ ва тавонбахшӣ ба кӯдакони дорои маъюбият ва гурӯҳҳои осебпазир тамоюлҳои муҳимро нишон доданд. Дар ин нимсолаи аввали соли 2025 ба 1 013 280 шаҳрвандон хизматрасониҳои гуногуни иҷтимоӣ расонида шуданд, ки ин нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 599 214 нафар зиёд мебошад (ниг. ба

Ҷадвали 1).

**Ҷадвали 1. Хизматрасонии иҷтимоӣ аз ҷониби муассисаҳои ҳифзи иҷтимоӣ**

| № | Номгуй | Дар ним солаи якуми 2024 | кӯдакон | Дар ним солаи якуми 2025 | Кӯдакон | Фарқият |
|---|---|---|---|---|---|---|
| 1 | Хона – интернатҳо (7 адад) | 1289 | 80 | 1310 | 94 | +21 |
| 2 | Осоишгоҳу истироҳатгоҳҳо (4 адад) | 755 | - | 920 | | +165 |
| 3 | Марказҳои минтақавии хизматрасонии иҷтимоӣ барои пиронсолон ва маъюбон 6 адад) | 969 | 62 | 1004 | 63 | +35 |
| 4 | Марказу шуъбаҳои хизматрасонии иҷтимоии дар хона (44 адад) | 5260 | 872 | 5307 | 858 | +47 |
| 5 | Ташкилотҳои ҷамъиятии тибқи фармоиши иҷтимоии давлатӣ фаолиятдошта (57 адад) | 4254 | 3631 | 3482 | 2912 | 772 |
| 6 | Тавассути Хадамоти давлатии экспертизаи тиббию иҷтимоӣ | 164631 | 3364 8 | 170699 | 35229 | +6068 |

| | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| 7 | МД “Пажуҳишгоҳи эксперти заи тиббию иҷтимоӣ ва тавон бахшии маъюбон | 1326 | 434 | 1366 | 426 | + 40 |
| 8 | Кд “Заводи протезию ортопедӣ” | 6515 | 1057 | 5821 | 1042 | -694 |
| 9 | Тавассути низоми КУИ ба оилаҳо камбизоат | 225923 | | 183917 | | - 42006 |
| | Оилаҳои камбизоати дорои кӯдакони то синни 16- сола | - | - | 626007 | 626007 | + 626007 |
| | Оилаҳои камбизоати дорои ду ва зиёда маъюб | - | - | 4704 | - | + 4704 |
| | Оилаҳои камбизоати дорои шахсони аз 80 - сола боло | - | - | 636 | - | +636 |
| 10 | Тавассути татбиқи имтиёзҳо | 1129 | | 5161 | 739 | +4032 |
| 11 | Занону кӯдакони аз минтақаи амалиётҳои ҷангӣ баргардондашуда | 381 | 291 | 381 | 291 | |
| 12 | “Маркази миллии тавонбахшии кӯдакони маъюб “Чорбоғ” дар ноҳияи Варзоб | 616 | 397 | 659 | 429 | + 43 |
| 13 | МД. “Маркази байналмилалии тавонбахшии кӯдакони маъюб дар ноҳияи Балҷувон | 28 | 14 | 82 | 41 | + 27 |
| 14 | МДТ “Донишкадаи такмили ихтисоси кормандони низоми ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ | 290 | 180 | 512 | 255 | +222 |
| 15 | МД “Маркази ҷумҳуриявии хизматрасонии иҷтимоӣ ба қурбониёни савдои одамон ва ҷабрдидагони зуровари дар оила | 87 | 14 | 189 | 40 | +102 |
| 16 | Қабули муроҷиатҳои шифоҳӣ | 613 | - | 1123 | - | +510 |
| | **Ҷамъ:** | **414066** | **40680** | **1013280** | **668426** | **+599214** |

Дар **Маркази миллии тавонбахшии кӯдакони маъюб** (Чорбоғ) нимсолаи аввали соли 2025, ҳамагӣ **199 кӯдак** таҳти нигоҳубини давлат қарор доштанд, ки нисбат ба ҳамин давраи соли 2024 — **21 нафар бештар** мебошад. Аз ин шумора, **59 духтар** ва **140 писар** буда, **96 нафар** дар шуъбаҳои бистарӣ ҷойгир шудаанд. Илова бар ин, шумораи кӯдакони ятим **20 нафар** ва нимятимон **23 нафар**-ро ташкил медиҳад.

Натиҷаҳои ҷараёни дохилшавӣ ва хориҷшавӣ низ тамоюлҳои муайян доранд: дар нимсолаи аввали **21 кӯдак** қабул ва **6 нафар** ба муҳити оила баргардонида шудаанд. Дар ин муддат **3 кӯдак фавтид** ва **10 нафар кӯдакони аз 18 сола боло шуда** ба муассисаи дигар (хона-интернати Ёвон) интиқол дода шудаанд. Ин нишон медиҳад, ки ҷараёни гардиш миёни муассиса ва муҳити оила ҳанӯз маҳдуд аст.

Шуъбаи рӯзонаи Чорбоғ бо фарогирии **30 кӯдак** ва модаронашон фаъолият намуда, дар шашмоҳ **8 бахши пурра** анҷом ёфтааст. Дар маҷмӯъ, **230 кӯдак** фаро

гирифта шудааст, ки нисбат ба соли гузашта **11 нафар бештар** мебошад. Аммо сатҳи беҳбудӣ дар натиҷаи тавонбахшӣ коҳиш ёфтааст: агар соли 2024 беҳбудӣ дар **111 кӯдак** ба қайд гирифта шуда бошад, дар соли 2025 ин рақам то **109** поин рафтааст, ки ба коҳиши **–9,8%** баробар аст. Ин нишон медиҳад, ки гарчанде фарогирӣ зиёд шудааст, самаранокии табобати тавонбахшӣ ба сатҳи қаблӣ баргашта наметавонад.

Дар баробари ин, шуъбаи таҷрибавии тавонбахшии **Донишкадаи такмили ихтисоси кормандони низоми ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ** ба **255 кӯдак** хизмат расонид, ки нисбат ба соли 2024 — **75 нафар бештар** мебошад. Аз онҳо **35 кӯдак (13,7%)** нахустин маротиба муроҷиат кардаанд. Ҷолиб он аст, ки шумораи муроҷиатҳои нав нисбат ба соли гузашта камтар шудааст, ки метавонад ба беҳбуди фарогирии қаблӣ ва ё тағйири роҳҳои муроҷиат ишора кунад.

Маркази байналмилалии тавонбахшӣ дар ноҳияи Балҷувон низ фаъолият кардааст. Дар соли 2025 он тавонист **41 кӯдак** бо модаронашонро фаро гирад, ки нисбат ба соли гузашта **19 нафар бештар** мебошад. Аммо мушкилоти инфрасохторӣ (нотамомии сохтмон, набудани роҳи мошингард) фаъолияти онро маҳдуд месозад ва он танҳо ба таври маркази маҳаллӣ амал мекунад (ниг. баНамудори 5).

**Намудори 5. Шумораи кӯдакони ба тавонбахшӣ фарогирифташуда дар нимсолаи аввали соли 2024 ва 2025**




Шуъбаи хизматрасонӣ ба қурбониёни савдои одамон: **134 нафар** фаро гирифта шудаанд (баробар ба афзоиши **94 нафар** нисбат ба соли 2024). Аз онҳо **108 мард, 14 зан, 5 писар ва 7 духтар** мебошанд. Айни замон, **11 нафар** муваққатан ҷойгир ва **93 нафар** дар ҳамкорӣ бо мақомоти давлатӣ роҳнамоӣ шудаанд.

Шуъбаи хизматрасонӣ ба ҷабрдидагони зӯроварӣ дар оила: **55 нафар** фаро гирифта шудаанд (нисбат ба соли 2024 — **8 нафар бештар**). Аз онҳо **27 калонсол** ва **28 ноболиғ** (13 духтар, 15 писар) мебошанд (ниг. ба Намудори 6). Ин маълумот нишон

медиҳад, ки шумораи муроҷиаткунандагон босуръат меафзояд, махсусан дар бахши марбут ба савдои одамон.

**Намудори 6. Хизматрасони ба қурбониёни савдои одамон ва ҷабрдидагони зуровари дар оила дар нимсолаи 2024 - 2025**




### *4.5. Фаъолият дар самти ташкили хизматрасониҳои иҷтимоӣ дар муассисаҳои будубоши доимии системаи Агентии давлатии ҳифзи иҷтимоӣ*

Айни замон низоми Агентии давлатии ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ шабакаи васеи муассисаҳои хизматрасониро фаро мегирад: 7 хона-интернат, 3 истироҳатгоҳ, 1 осоишгоҳ, 44 марказу шуъбаҳои хизматрасонии иҷтимоӣ дар хона, 6 маркази минтақавӣ, ва ҳамзамон 57 маркази тавонбахшии рўзона, ки аз ҷониби ташкилотҳои ҷамъиятӣ дар доираи фармоишҳои иҷтимоии давлатӣ фаъолият мекунанд. Ин сохтор нишон медиҳад, ки низоми хизматрасонӣ шаклҳои гуногунро фаро гирифта, кўшиш мекунад эҳтиёҷоти гурўҳҳои осебпазирро ҳам дар шакли нигаҳубини доимӣ ва ҳам дар сатҳи рўзона таъмин кунад.

Дар нимсоалаи аввали соли 2025 дар муассисаҳои будубоши доимӣ 1310 нафар бошанда қарор доштанд, ки нисбат ба ҳамин давраи соли 2024 — 21 нафар зиёд мебошад (ниг. ба Намудори 7). Аз онҳо 718 мард, 498 зан ва 94 кўдаки маъюб, ҳамчунин 196 пиронсол ва 829 нафар бо бемориҳои рўҳӣ мебошанд. Аз шумораи умумӣ, 1021 нафар маъюбон мебошанд, ки аз рўи гурўҳ чунин тақсим мешаванд: гурўҳи I – 307 нафар, гурўҳи II – 655 нафар, гурўҳи III – 9 нафар. Дар нимсолаи аввали соли 2025, ба ин муассисаҳо 55 нафар нав қабул гардида, 32 нафар ба муҳити оила баргашта ва 17 нафар фавтиданд.

**Намудори 7. Шумораи бошандаго дар муассисаҳои будубошӣ доимӣ дар нимсолаи якуми соли 2024 - 2025**




Дар ҳамин давра, 8 ятим, 34 нимятим ва 52 кӯдак аз оилаҳои камбизоат дар таъминоти давлатӣ қарор доштанд. Ин нишон медиҳад, ки муассисаҳо на танҳо хизматрасонии тиббӣ ва иҷтимоӣ, балки нақши муҳофизатии иҷтимоиро низ иҷро мекунанд.

### *4.6. Фаъолият дар самти хизматрасонии ғайристатсионарӣ*

Дар нимсолаи аввали соли 2025 44 шуъба ва марказҳои хизматрасонии иҷтимоӣ дар назди мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимият ба шаҳрвандоне, ки дар ҳолати душвори зиндагӣ қарор доранд, хизмат расониданд. Дар ин марказҳо 806 корманд фаъолият мебаранд, ки аксариятро — 661 нафар зан ва танҳо 145 нафар мард ташкил медиҳанд. Шумораи истифодабарандагон ба 5307 нафар расид, ки нисбат ба ҳамин давраи соли 2024 47 нафар бештар мебошад. Аз онҳо 4404 нафар (аз ҷумла 3011 зан ва 1393 мард) пиронсолону маъюбон буда, 903 нафар (460 писар ва 390 духтар) кӯдакони имкониятошон маҳдуд мебошанд. Ин нишон медиҳад, ки хизматрасониҳои иҷтимоӣ бештар ба гурӯҳҳои калонсол ва маъюб равона шудаанд, дар ҳоле ки ҳиссаи кӯдакон ҳанӯз ҳам нисбатан камтар аст.

**Ҷадвали 2. Хизматрасони аз ҷониби марказу шуъбаҳои хизматрасонии иҷтимоӣ дар хона**

| Минтақаҳо | Микдори шӯъбаҳо | Шумораи гирандагони хизматҳо (нафар) дар нимсолаи аввали: | | Аз ҷумла, кӯдакон дар нимсолаи аввали: | |
|---|---|---|---|---|---|
| | | 2024 | 2025 | 2024 | 2025 |
| Душанбе | 4 | 1085 | 1037 | 147 | 157 |
| ВМКБ | 8 | 562 | 528 | 77 | 77 |

| | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|
| Суғд | 12 | 1287 | 1344 | 261 | 239 |
| Хатлон | 16 | 1781 | 1793 | 213 | 238 |
| НТҶ | 4 | 545 | 605 | 174 | 147 |
| **Ҷамъ:** | **44** | **5260** | **5307** | **872** | **858** |

Дар баробари ин, дар шаш шаҳру ноҳияи ҷумҳурӣ Марказҳои минтақавии хизматрасонии иҷтимоӣ амал мекунанд. Дар он ҷо 243 корманд фаъолият дошта, дар нимсолаи аввали соли 2025 ба 1004 нафар хизмат расонидаанд, ки нисбат ба соли гузашта 35 нафар зиёд мебошад. Аз шумораи умумӣ 941 нафар пиронсолону маъюбон ва 63 кӯдакони имконияташон маҳдуд фаро гирифта шудаанд (ниг. ба

Намудори 8). Ҳамзамон, 74 нафар муваққатан дар муассисаҳо зиндагӣ мекунанд, 7 нафар ба муҳити оила баргардонида ва 5 нафар фавтидаанд. Ин нишон медиҳад, ки марказҳо на танҳо хизмат мерасонанд, балки ҳамчунин вазифаи ҷойгиркунии муваққатиро иҷро мекунанд, ки аҳамияти онҳо барои гурӯҳҳои осебпазирро боз ҳам зиёдтар менамояд.

**Намудори 8. Шумораи бошандагони муввақати дар марказҳои минтақавии хизматрасонии иҷтимоӣ ба пиронсолону маъюбон дар нимсола и аввали соли 2025**




Дар соли 2025, тибқи шартнома бо Агентӣ, 57 маркази тавонбахшӣ аз ҷониби ташкилотҳои ҷамъиятӣ таъсис ёфтааст. Онҳо ба 3482 нафар хизмат расонидаанд, ки нисбат ба соли гузашта 772 нафар камтар аст. Аз ин шумора 2738 кӯдакони имконияташон маҳдуд, 352 пиронсолону маъюб, 107 қурбониёни савдои одамон,

ҷабрдидагони зӯроварӣ ва муҳоҷирон, 98 нафар бо нигоҳубини паллиативӣ ва 116 нафар бо бемориҳои ВНМО ва сил фаро гирифта шудаанд. Ин нишон медиҳад, ки бо вуҷуди таъсиси марказҳои зиёд, сатҳи фарогирии умумӣ кам шудааст (ниг. ба Ҷадвали 3). Сабаб метавонад маҳдудияти иқтидор, дастрасӣ ё самаранокии корбарӣ бошад.

**Ҷадвали 3. Маркзҳои хизматрасонии иҷтимоии тариқи фармоиши иҷтимоии давлатӣ фаъолияткунанда**

| Самти фаъолияти марказҳо | Шумораи истифодабарандагони хизматҳо (нафар) дан нимсолаи аввли соли: | | |
|---|---|---|---|
| | 2024 | 2025 | Фарқият |
| Хизматрасонии иҷтимоӣ барои кӯдакони маъюб | 2586 | 2092 | -494 |
| Хизматрасонии иҷтимоӣ ба кӯдакони маъюб ва шахсони дар ҳолати душвори зиндагӣ қарордошта | 1045 | 820 | -225 |
| Марказҳои хизматрасонии иҷтимоӣ ба пиронсолон | 194 | 249 | +55 |
| Хизматрасонии иҷтимоӣ ба қурбониёни савдои одамон (Душанбе) ва ҷабрдидагони зӯроварӣ дар оила (Бохтар ва Кӯлоб) | 154 | 107 | -47 |
| Маркази хизмарасонии иҷтимоӣ барои шахсони дорои бемории ВНМО | 185 | 81 | -104 |
| Маркази хизмарасонии иҷтимоӣ барои шахсони мубталои бемории сил | 40 | 35 | -5 |
| Маркази хизматрасонии иҷтимоӣ барои беморони ба нигоҳубини паллиативӣ эҳтиёҷдошта | 50 | 98 | +48 |
| **Ҷамъ:** | **4254** | **3482** | **-772** |

### *4.7. Хизматрасонии тиббию иҷтимоӣ аз ҷониби МД. «Пажӯҳишгоҳи экспертизаи тиббию иҷтимоӣ ва тавонбахшии маъюбон»*

Дар нимсолаи аввали соли 2025 Муассисаи давлатии «Пажӯҳишгоҳи экспертизаи тиббию иҷтимоӣ ва тавонбахшии маъюбон» фаъолияти назаррасеро анҷом додааст, ки равандҳо ва нишондиҳандаҳои он имконият медиҳанд, ба сатҳи хизматрасониҳо баҳо дода шавад.

Дар қисми тавонбахшии клиникии муассиса, ки дорои 60 кат мебошад, дар давраи ҳисоботӣ 1370 нафар ба табобати тавонбахшӣ фаро гирифта шуданд. Аз ин шумора, 734 нафар тариқи амбулаторӣ табобат гирифта, бақияашон — беморони бистарӣ буданд. Тақсимоти бистаришудагон нишон медиҳад, ки 213 нафар (33,4%) кӯдакони маъюб, 24 нафар (3,7%) маъюбони гурӯҳи I, 113 нафар (17,7%) маъюбони

гурӯҳи II, 22 нафар (3,4%) маъюбони гурӯҳи III, 236 нафар (37,1%) нахустмуроҷиат, ва 22 нафар (3,4%) нафақагир буданд. Ҳамчунин, 52 нафар волидон омӯзиш оид ба усулҳои табобати хонагии кӯдакони маъюбро фаро гирифтанд (ниг. ба Ҷадвали 4).

**Ҷадвали 4. Хизматрасонии тиббию иҷтимоии Муассисаи давлатии «Пажӯҳишгоҳи экспертизаи тиббию иҷтимоӣ ва тавонбахшии маъюбон»**

| Бахшҳо | Шумораи истифодабарандагони хизматҳо дар нимсола и аввали: | | | Аз ҷумла кудакон (нафар) дар нимсолаи аввлаи соли: | | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | 2024 | 2025 | фарқият | 2024 | 2025 | фарқият |
| Амбулаторӣ | 644 | 734 | +90 | 224 | 213 | -11 |
| Табобатӣ | 682 | 632 | -50 | 210 | 213 | +3 |
| Ҳамагӣ | **1326** | **1366** | **+40** | **434** | **426** | **-8** |

### *4.8. Хизматрасонии санаторию-курортӣ*

Дар давраи ҳисоботӣ барои ба мавсими навбатӣ омода намудани муассисаҳои санаторию курортии системаи ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ корҳои зарурӣ анҷом дода шуда, мавсими истироҳатии навбатӣ аз моҳи майи соли равон оғоз гардидааст. Дар номгӯи муассисаҳои системаи Агентӣ як осоишгоҳ - Муассисаи давлатии «Осоишгоҳи табобатию профилактии маъюбон ва ветеранҳои ҷангу меҳнати «Харангон»-и ноҳияи Варзоб, се истироҳатгоҳҳо: Муассисаҳои давлатии «Истироҳатгоҳи табобатии собиқадорони ҷангу меҳнати «Дӯстӣ»-и ноҳияи Ҷайҳун», «Истироҳатгоҳи табобатии собиқадорони ҷангу меҳнати «Ромит»-и шаҳри Ваҳдат» ва «Истироҳатгоҳи табобатии собиқадорони ҷангу меҳнати «Биби Фотимаи Заҳро»-и ноҳияи Ишкошим бо филиалаш дар деҳаи Занинси ноҳияи Роштқалаъа ба таври мавсимӣ фаъолият менамоянд.

Барои гузаронидани мавсими истироҳатии соли ҷорӣ аз буҷети давлат 9 421 891 сомонӣ маблағ ҷудо гардидааст. Имконияти солонаи осоишгоҳу истироҳатгоҳҳои мазкур дар як басти истироҳатӣ то 315 кат/ҷойро ташкил медиҳад. Ба истироҳаткунандагони осоишгоҳу истироҳатгоҳҳои зерсохтори Агентӣ 259 нафар кормандон хизмат мерасонанд, ки аз онҳо - 33 нафар кормандони маъмурият, 9 нафар табибон, 56 нафар кормандони миёнаи тиб, 47 нафар парастор, 114 нафар - кормандони ошхона, хоҷагӣ, техникӣ ва посбон мебошанд. Дар давоми мавсими истироҳатии имсола дар умум 2615 адад роҳхатҳои ройгон ба имтёздорон пешбинӣ карда шудааст. Ба ҳолати 28 июни соли 2025 дар 661 нафар имтиёздорон бо роҳхат, 129 нафар роҳбалад, 130 нафар тариқи шартномавӣ (пулакӣ) ва дар умум 920 нафар ба истироҳату табобат фаро гирифта шуда, нисбат ба ҳамин давраи соли 2024 165 нафар зиёд мебошад, ки мавсими истироҳатӣ идома дорад.

### *4.9. Хизматрасонии воситаҳои техникию тавонбахшӣ ба маъюбон*

Бояд зикр намуд, ки тибқи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 декабри соли 2011, №604 «Дар бораи тасдиқи Қоидаҳои бо воситаҳои техникии тавонбахшӣ таъмин намудани маъюбон» аз 41 номгӯйи пешбинигардида 39 номгӯйи воситаҳои техникии тавонбахшӣ ва маҳсулоти протезию ортопедиро Корхонаи давлатии «Заводи протезию ортопедӣ»-и шаҳри Душанбе ва филиалҳояш дар шаҳрҳои Кӯлоб, Хоруғ ва Хуҷанд ба маъюбон таъмин карда истодааст. Аз он ҷумла: 24 номгӯй айни замон дар корхона истеҳсол карда мешавад ва 17 номгӯйи дигар берун аз кишвар харидорӣ карда мешавад.

Иҷрои нақшаи истеҳсолии Корхонаи давлатии «Заводи протезию ортопедӣ»-и шаҳри Душанбе дар нимслаи аввали соли 2025 – 100% иҷро гаштааст, яъне ба маблағи 5 319 721 сомонӣ маҳсулот истеҳсол карда шудааст, ки ин мутаносибан ба ҳамин давраи соли 2024 дар маҷмуъ 20,2% зиёд буда, дар муқоиса 1 074 786 сомонӣ зиёд маблағгузорӣ гардидааст.

Аз ибтидои соли 2025 фаъолияти иноватсионии истеҳсолии корхона тадриҷан беҳтар гардида, чунин чораҳо амалӣ карда шуданд: хизматрасонии мобилии протезӣ, истеҳсоли мизи экоссонсорӣ, вертикализаторҳои тавонбахшӣ барои кӯдакон ва калонсолон, дастқапакҳо ва болиштҳои сабуккунанда, уребчаҳои бисёркарта истифодашаванда аз қабили онҳо ба шумор меравад. Маҳсулотҳои номбаршуда ба муассисаҳои ҳифзи иҷтимоӣ, аз ҷумла Маркази миллии тавонбахшӣ кӯдакони маъюби Чорбоғ, МДТ Донишкадаи такмили ихтиссоси кормандони низоми ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ, МД Пажуишгоҳи экспертизаи тиббию иҷтимоӣ ва тавонбахшии маъюбон ва дигар зерсохторҳои вазорат дастрас карда шудааст (ниг. ба Ҷадвали 5).

**Ҷадвали 5. Нишондодҳои истеҳсолӣ дар шаш моҳи аввали соли 2025**

| **№** | **Номгӯи нишондодҳо** | **Воҳиди ченак** | **дар нақша** | **дар асл** | **% иҷроиш** |
|---|---|---|---|---|---|
| | **Ҳаҷми истеҳсоли маҳсулот** | **сомонӣ** | **5296390** | **5319721** | **100** |
| | Фуруши ҳаҷми истеҳсолот | **сомонӣ** | **5296390** | **5319721** | **100** |
| **1.** | **Истеҳсоли пойафзол** | **ҷуфт** | **2100** | **2104** | **100** |
| **2.** | **Истеҳсоли протез ва ортез** | **адад** | **913** | **843** | **111** |
| | аз ҷумла: | | | | |
| | - протези пой | адад | 273 | 327 | **120** |
| | - протези даст | адад | 23 | 25 | **109** |
| | - ортези пой | адад | 600 | 636 | **106** |
| | - ортези миён | адад | 13 | 17 | **131** |
| | - истеҳсоли фиксаппарат | адад | 4 | 4 | **100** |

| | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|
| **3.** | **Шина «Сито»** | адад | 16 | 18 | **112** |
| **4.** | **Шина «Вилинский»** | адад | 16 | 18 | **112** |
| **5.** | **Гарданбанди ортопедӣ** | адад | 13 | 16 | **123** |
| **6.** | **Таъмири протез ва ортез** | адад | 705 | 725 | **103** |
| **7.** | **Истеҳсоли асо то оринҷ** | адад | 432 | 443 | **103** |
| **8.** | **Истеҳсоли камарбанд (чарми)** | адад | 33 | 36 | **100** |
| **9.** | **Истеҳсоли роҳгардак** | адад | 60 | 60 | **100** |
| **10.** | **Курсӣ** | адад | 24 | 24 | **100** |
| **11.** | **Маҳсулот барои нодоштан** | адад | 600 | 600 | **100** |
| **12.** | **Аробачаи маъюбии хурдҳаҷм** | адад | 2 | 2 | **100** |
| **13.** | **Дастқапак барои нишастан барои кудакон** | адад | 12 | 12 | **100** |
| **14.** | **Дастқапак барои нишастан барои калонсолон** | адад | 12 | 12 | **100** |
| **15.** | **Болиштҳои сабуккунанда** | адад | 8 | 8 | **100** |

Дар шаш моҳи аввали соли 2025 ба 5821 нафар эҳтиёҷмандон хизматрасониҳои иҷтимоӣ расонида шудааст; аз он ҷумла:

| **№** | **Номгӯйи маҳсулот** | **воҳиди ченак** | **ноби-ноён** | **армияи шуравӣ** | **айёми кудакӣ** | **касали-ҳои умумӣ** | **собиқа-дорони меҳнат** | **Ҷамъ** |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| 1 | Пойафзоли ортопедӣ | нафар | 189 | 213 | 346 | 1331 | 25 | **2104** |
| 2 | Протези пой | нафар | - | - | 90 | 205 | 2 | **297** |
| 3 | Протези даст | нафар | - | 2 | 7 | 15 | 1 | **25** |
| 4 | Ортези пой | нафар | - | - | 364 | 22 | - | **386** |
| 5 | Фиксаппарат | Нафар | - | - | 2 | - | - | **2** |
| 6 | Ортези миён | нафар | - | - | 16 | 1 | - | **17** |
| 7 | Шина «Сито» | нафар | - | - | 18 | - | - | **18** |
| 8 | Шина «Вилинского» | нафар | - | - | 18 | - | - | **18** |
| 9 | Гарданбанди ортопедӣ | нафар | - | - | 16 | - | - | **16** |
| 10 | Таъмири протез, ортез | нафар | - | 6 | 332 | 256 | 2 | **596** |
| 11 | Асо то оринҷ | нафар | 1 | 40 | 39 | 253 | - | **333** |
| 12 | Камарбанд | нафар | - | - | 34 | 2 | - | **36** |
| 13 | Роҳгардак | нафар | - | - | 60 | - | - | **60** |
| 14 | Курсӣ ва миз | нафар | - | - | 24 | - | - | **24** |
| 15 | Уребча | нафар | - | 40 | 99 | 461 | - | **600** |

| | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| 16 | Аробачаи хурдҳаҷм | нафар | - | - | - | 2 | - | **2** |
| 17 | Вертикализатор | нафар | - | - | 1 | - | - | **1** |
| 18 | Дастқапак | нафар | - | - | - | 24 | - | **24** |
| 19 | Болишти сабуккунанда | нафар | - | - | - | 8 | - | **8** |
| | **Ҳамагӣ 4567** | **нафар** | **190** | **301** | **1466** | **2580** | **30** | **4567** |

Маҳсулоти тайёри корхона (пойафзолҳои ортопедӣ) то охири ҳар моҳ ба воситаи варақаи супоришнома ба маъюбон дода мешавад. Ба маъюбоне, ки дар маҳалҳои дур зиндагӣ мекунанд, супоришҳояшон тавассути шӯъбаҳои алоқа фиристода мешаванд.

Хизматрасонии мизоҷон бо нишондоди намуди маҳсулот, минтақа ва миқдори он дар давраи ҳисоботӣ:

| **№** | **Номгӯйи маҳсулот** | **Душанбе** | | **НТМ** | | **Суғд** | | **Хатлон** | | **ВМКБ** | | **Ҷамъ** | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | **наф.** | **мик.** | **наф.** | **мик.** | **наф.** | **мик.** | **наф.** | **мик.** | **наф.** | **мик.** | **наф.** | **миқ.** |
| 1 | Пойафзоли ортопедӣ | 85 | 85 | 591 | 591 | 361 | 361 | 735 | 735 | 332 | 332 | **2104** | **2104** |
| 2 | Протези пой | 53 | 58 | 94 | 100 | 50 | 60 | 84 | 91 | 16 | 18 | **297** | **327** |
| 3 | Протези даст | 3 | 3 | 6 | 6 | 6 | 6 | 8 | 8 | 2 | 2 | **25** | **25** |
| 4 | Ортез пой | 60 | 99 | 128 | 214 | 26 | 48 | 163 | 259 | 9 | 16 | **386** | **636** |
| 5 | Фиксаппарат | 1 | 2 | - | - | - | - | 1 | 2 | - | - | **2** | **4** |
| 6 | Ортези миён | 3 | 3 | 4 | 4 | 2 | 2 | 8 | 8 | - | - | **17** | **17** |
| 7 | Шина «Сито» | 8 | 8 | 6 | 6 | - | - | 4 | 4 | - | - | **18** | **18** |
| 8 | Шина «Велинский» | 11 | 11 | 5 | 5 | - | - | 2 | 2 | - | - | **18** | **18** |
| 9 | Гарданбанди ортопедӣ | 6 | 6 | 5 | 5 | - | - | 5 | 5 | - | - | **16** | **16** |
| 10 | Таъмири протез, ортез | 142 | 176 | 186 | 236 | 75 | 82 | 149 | 175 | 44 | 56 | **596** | **725** |
| 11 | Истеҳсоли асо тоориҷ | 28 | 55 | 182 | 233 | 6 | 8 | 81 | 111 | 36 | 36 | **333** | **443** |

| | | | | | | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| 12 | Истеҳсоли камарбанд | 12 | 12 | 14 | 14 | - | - | 10 | 10 | - | - | **36** | **36** |
| 13 | Истеҳсоли роҳгардак | 11 | 11 | 22 | 22 | 2 | 2 | 25 | 25 | - | - | **60** | **60** |
| 14 | Курсӣ ва миз | 6 | 6 | 6 | 6 | 1 | 1 | 11 | 11 | - | - | **24** | **24** |
| 15 | Уребча | 3 | 3 | 347 | 347 | - | - | 160 | 160 | 90 | 90 | **600** | **600** |
| 16 | Аробачаи хурдҳаҷм | - | - | - | - | 2 | 2 | - | - | - | - | **2** | **2** |
| 17 | Вертикализатор | 1 | 1 | - | - | - | - | - | - | - | - | **1** | **1** |
| 18 | Дастқапак | - | - | 24 | 24 | - | - | - | - | - | - | **24** | **24** |
| 19 | Болишти сабуккунанда | - | - | 8 | 8 | - | - | - | - | - | - | **8** | **8** |
| | **Ҳамагӣ:** | **433** | **539** | **1628** | **1821** | **531** | **572** | **1446** | **1606** | **529** | **550** | **4567** | **5088** |

Таҳлили маҳсулотҳои аз анбори Корхона тақсимшуда ба мизоҷон бо нишондоди намуди маҳсулот, минтақа ва миқдори он дар шаш моҳи аввали соли 2025

| № | Номгуи маҳсулоҳо | Душанбе | НТМ | Суғд | Хатлон | ВМКБ | Умумӣ |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| **1** | Аробачаи маъюбӣ | 36 | 67 | 53 | 143 | - | **299** |
| **2** | Асо | 18 | 127 | 80 | 197 | 58 | **480** |
| **3** | Асобағал | 7 | 51 | 30 | 70 | 21 | **179** |
| **4** | Асо барои нобиноён | 5 | 4 | - | 1 | 10 | **20** |
| **5** | Дастгоҳи шунавоӣ | 7 | 17 | 5 | 24 | 29 | **82** |
| **6** | Роҳгардак | 11 | 21 | 10 | 31 | 13 | **86** |
| **7** | Асо то оринҷ | 4 | 10 | - | 8 | 9 | **31** |
| **8** | Пурбин | - | 2 | - | 5 | - | **7** |
| **9** | Курсӣ барои ҳаммом | 3 | 4 | - | 6 | 3 | **16** |
| **10** | Курсӣ барои ҳоҷатхона | 4 | 1 | - | 3 | 6 | **14** |
| **11** | Телефони содиротшуда | 1 | 1 | - | 3 | 1 | **6** |
| **12** | Лавҳаи иртиботи | - | 1 | - | 1 | 3 | **5** |
| **13** | Дастгоҳ барои тарҷумаи субтитр | - | - | - | 4 | 0 | **4** |
| **14** | Айнак | 3 | 2 | - | 20 | - | **25** |
| **Ҳамагӣ** | | **99** | **308** | **178** | **516** | **153** | **1254** |

Дар нимсолаи аввали соли 2025 аз 5821 нафар мурочиаткунандагон 1042 нафаррашонро кӯдакони то сини 16-сола ташкил медиҳад. Инчунин ба маъюбон миқдори 6342 адад, аз ҷумла (1254 адад воситаҳои ёрирасони техникӣ ва 4567 адад воситаҳои протезию ортопедӣ дастрас гардонида шуд. Ҳамзамон аз шумораи умумии хизматгирифтагон (5821) ба 1923 нафар ниёзмандон дар асоси қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 02 июли соли 2015, № 448 бо се вақт хӯроки гарм таъмин гардидааст. Инчунин, аз рӯи тартиби муқарраргардидаи Вазорати нақлиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба 20 нафар мурочиаткунандагон ба маблағи умумии 1976 сомонӣ роҳкиро барои омаду рафт дода шудаст (ниг. ба Ҷадвали 6).

**Ҷадвали 6. Фариқият нисбати шаш моҳи соли 2024 ба соли 2025:**

| № | Номгӯйи хизматрасониҳо | Соли 2024 | | Соли 2025 | | Фарқият | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | нафар | адад | нафар | адад | нафар | адад |
| | Шумораи умумии хизматрасониҳо | 6515 | 7098 | 5821 | 6342 | -694 | -756 |
| 1. | Воситаҳои протезию ортопедӣ | 4359 | 4942 | 4567 | 5088 | +208 | +146 |
| 2. | Воситаҳои техникии тавонбахӣ | 2156 | 2156 | 1254 | 1254 | -902 | -902 |
| 3. | Кудакони то сини 16 сола | 1057 | - | 1042 | - | -15 | - |
| 4. | Ба се вақт хуроки гарм ва ба ҷои хоб таъмин шудагон | 1690 | - | 1976 | - | +286 | - |

## 5. Хулоса

Натиҷаҳои фаъолияти низоми ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ дар нимсолаи аввали соли 2025 нишон медиҳанд, ки сохторҳои марбута тавонистаанд қадами муҳимро дар самти фарогирии хизматрасониҳои иҷтимоӣ ва беҳтар намудани дастрасӣ барои гурӯҳҳои осебпазир гузоранд. Бар асоси маълумоти пешниҳодшуда, тамоюлҳои асосӣ баёнгари тавсеаи хизматрасониҳо, афзоиши шумораи гирандагон, тақвияти заминаи меъёрӣ-ҳуқуқӣ ва ҳамзамон мушкилоти боқимонда дар самти инфрасохтор ва самаранокии барномаҳо мебошанд.

Аввалан, сохтори институтсионалӣ дар низоми ҳифзи иҷтимоӣ шабакаи густардаеро фаро гирифтааст, ки зиёда аз 227 зерсохтор, муассиса ва хадамотро дар бар мегирад. Беш аз 4500 кормандон дар ин самт фаъолият доранд, ки қисми зиёдашон тибқи басти воҳидҳои корӣ ва боқимонда тибқи шартнома кор мекунанд. Ин шабака имконият фароҳам меорад, ки хизматрасониҳо ба таври фарогир ва то сатҳи шаҳру

ноҳияҳо расонида шаванд. Бо вуҷуди ин, зарурати такмили ҳамоҳангсозӣ ва баланд бардоштани иқтидори касбии кормандон боқӣ мемонад.

Дуюм, дар соҳаи маъюбият тамоюлҳои ҷолиб мушоҳида мешаванд. Дар шаш моҳи аввали соли 2025 зиёда аз 17 ҳазор нафар муроҷиат намуда, ба 16 889 нафар гурӯҳи маъюбӣ муайян ё такроран тасдиқ шуд. Нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта ин рақамҳо 113 ҳолат зиёд гардидаанд. Афзоиши муроҷиатҳои аввалиндараҷа аз ҳисоби калонсолон нишон медиҳад, ки ҳам сатҳи ташхис ва ҳам эҳтимолан паҳншавии бемориҳои модарзодӣ ва ирсӣ боло рафтааст. Ҳамзамон, коҳиши муроҷиатҳои такрорӣ метавонад ба беҳтаршавии саломатӣ ё самаранокии табобат ишора кунад. Дар байни кӯдакон низ ҳамин раванд ба назар мерасад: афзоиши муроҷиатҳои аввалин ва камшавии такрорӣ. Шумораи умумии шахсони дорои маъюбият дар кишвар ба қариб 171 ҳазор нафар расидааст, ки аз инҳо беш аз 35 ҳазор кӯдаконанд. Ин рақам ба зарурати тавсеаи барномаҳои тавонбахшӣ ва хизматрасониҳои кӯдакон ишора мекунад.

Сеюм, татбиқи механизми кумакҳои унвонии иҷтимоӣ яке аз самтҳои калидӣ буд. Дар шаш моҳ зиёда аз 171 ҳазор хонавода аз ин навъи кумак баҳраманд гардиданд, ки иҷроиши нақшаи солонаро 77% ташкил медиҳад. Ҳамзамон, пардохтҳои яквақтаина ба зиёда аз 112 ҳазор оила амалӣ гардид, ки ҳаҷмашон беш аз 67 млн сомониро ташкил медиҳад. Ин дастгирӣ ба гурӯҳҳои махсусан осебпазир, аз ҷумла оилаҳои серфарзанд, оилаҳои дорои шахсони маъюб ва пиронсолон равона шудааст. Бо вуҷуди пешрафт, мушкилоти муайян дар сатҳи иҷрои пурраи нақша ва суръати пардохтҳо боқӣ мемонад, ки зарурати такмили равандҳои маъмуриро тақозо мекунад.

Чорум, хизматрасониҳои иҷтимоӣ ва тавонбахшӣ тавсеа ёфтаанд. Дар шаш моҳ зиёда аз 1 млн шаҳрванди кишвар аз хизматрасониҳо баҳраманд шудаанд, ки нисбат ба соли гузашта қариб 600 ҳазор бештар мебошад. Ин нишон медиҳад, ки сохторҳо тавонистаанд имкониятҳои худро густариш диҳанд ва ба эҳтиёҷоти гурӯҳҳои гуногун посух гӯянд. Марказҳои тавонбахшии кӯдакон дар Чорбоғ ва Балҷувон нақши муҳим бозиданд, гарчи мушкилоти инфрасохторӣ (норасоии роҳ, нотамомии сохтмон) фаъолияти онҳоро маҳдуд месозад. Ин ҳолат зарурати сармоягузории иловагӣ ба инфрасохторро тақвият медиҳад.

Панҷум, фаъолияти муассисаҳои статсионарӣ ва ғайристатсионарӣ аҳамияти зиёд дорад. Хона-интернатҳо, осоишгоҳҳо ва марказҳои хизматрасонии иҷтимоӣ барои пиронсолон ва маъюбон шароити зарурӣро таъмин мекунанд. Дар нимсолаи аввали соли 2025 дар чунин муассисаҳо зиёда аз 1300 нафар зери нигоҳубин қарор доштанд. Бо вуҷуди ин, масъалаи бозгардонии кӯдакон ба муҳити оила ҳанӯз ҳам маҳдуд аст, ки талаб мекунад барномаҳои оиласозӣ ва нигоҳубини алтернативӣ бештар рушд дода шаванд.

Шашум, хизматрасонии воситаҳои техникию протезию-ортопедӣ пурра иҷро шудааст. Заводи протезию ортопедӣ нақшаҳои истеҳсолиро 100% иҷро карда, ҳаҷми маҳсулотро беш аз 5,3 млн сомонӣ ташкил дод. Ба ҳазорҳо маъюб воситаҳои зарурӣ, аз ҷумла пойафзоли ортопедӣ, протез, ортез ва аробачаҳо дастрас гардиданд. Илова бар ин, маҳсулоти нав ва хизматрасониҳои мобилии протезӣ роҳандозӣ шуд, ки нишондиҳандаи инноватсия ва мутобиқшавӣ ба талаботи замон мебошад.

Дар маҷмӯъ, ҳисобот нишон медиҳад, ки низоми ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ дар нимсолаи аввали соли 2025 дар муқоиса бо соли гузашта қадамҳои назаррас гузоштааст. Фарогирӣ ва дастрасӣ васеъ шудааст, механизмҳои ҳадафманд рушд ёфтаанд, ва инфрасохтори мавҷуда нисбатан фаъол шудааст. Бо ин вуҷуд, як қатор мушкилоти асосӣ боқӣ мемонад: самаранокии табобати тавонбахшии кӯдакон, маҳдудиятҳои инфрасохторӣ дар баъзе марказҳо, иҷрои пурраи нақшаи пардохтҳои иҷтимоӣ ва зарурати таҳкими ҳамоҳангсозӣ миёни сохторҳо.

Аз ин рӯ, барои нимсолаи дуюми соли 2025 ва солҳои минбаъда тавсия мешавад, ки диққати махсус ба тавсеаи барномаҳои кӯдакон, такмили инфрасохтор, баланд бардоштани сифати хизматрасонӣ, тақвияти мониторинг ва баҳогузории натиҷавӣ, инчунин ҳамоҳангсозии байниидоравӣ равона карда шавад. Танҳо дар ин сурат низоми ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ метавонад ба сатҳи баландтар расида, эҳтиёҷоти рӯзафзуни гурӯҳҳои осебпазирро пурра қонеъ созад.